**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН**

*СУД 338.46* *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**Амонов Саҳбон Сарватҷонович**

# ТАЪМИНИ РАҚОБАТТАВОНИИ СУБЪЕКТҲОИ САВДОИ ЧАКАНА ДАР АСОСИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНӢ (ДАР МИСОЛИ ШАҲРИ ДУШАНБЕ)

**АВТОРЕФЕРАТИ**

**диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ)**

**Душанбе-2022**

Диссертатсия дар кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Роҳбари илмӣ:** **Ҳабибов Сафиувло,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи иқтисодиёт ва ташкили соҳибкории Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон

**Муқарризони расмӣ:** **Абдуғаффор Рауфӣ,** доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори кафедраи маркетингӣ соҳавӣ ва байналмилалии Донишгоҳи технологии Тоҷикистон

**Норматова Шаҳноза Маноновна,** номзади илмҳои иқтисодӣ, муовини ректор оид ба тарбияи Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон

**Муассисаи пешбар** Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Ҳимояи диссертатсия рӯзи 05 июли соли 2022, соати $10^{00}$ дар ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-012 назди Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон (Ҷумҳурии Тоҷикистон, 734061, ш. Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½) баргузор мегардад.

Бо диссертатсия ва автореферат дар китобхонаи илмии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ва тавассути сомонаи www.ddtt.tj шинос шудан мумкин аст.

Автореферат 05 майи соли 2022 тавзеъ шудааст.

**Котиби илмии**
**шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **Ашуров Ғ.Д.**

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** Шароити муосири рушди иқтисодию ичтимоии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати омӯзиши асосҳои назариявӣ ва илмию методӣ, инчунин таҷрибаи рушди соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, аз он ҷумла савдои чакана ва омилҳои баланд бардоштани сатҳи рақобаттавонии субъектҳои онро тақозо менамояд. Воқеан баланд бардоштани рақобаттавонии субъектҳои хоҷагидор дар шароити амали муносибатҳои озоди бозорӣ масъалаи хеле муҳим ва айни замон басо мураккаб ба ҳисоб меравад.

Бояд қайд кард, ки дар татбиқи самараноки ҳадафҳои стратегӣ ва дурнамои рушди иқтисодиёти ҷумҳурӣ дар қатори дигар соҳаҳо, савдои чакана низ мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки бахши муҳими соҳаи хизматрасонӣ ва омили калидии таъмини бозори истеъмолии кишвар бо молу хизматрасонӣ мебошад. Савдои чакана ҳамчун сарчашмаи ворид гардидани воситаҳои пулӣ, қисми назарраси буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро ташаккул медиҳад, барои таъсиси ҷойҳои нави корӣ мусоидат ва ба ин васила ба устувории вазъи иқтисодию молиявӣ дар кишвар мусоидат менамояд. Таъсири назарраси савдои чакана ба таъмини рушди иқтисодиву иҷтимоии ҷумҳурӣ тақозо менамояд, ки таҳқиқи амиқи масъалаҳои назариявӣ ва методологии тамоюл, қонуният ва ихтилофҳои рушди савдои чакана ва ташаккули механизми самараноки таъмини рақобаттавонии субъектҳои он амалӣ гардонида шавад.

Мавриди зикр аст, ки дар шароити иқтисоди бозорӣ, рушди савдои чакана бо рақобат ва тағйироти он алоқаи ногусастанӣ дорад. Бинобар ин, муқаррароти илмӣ-назариявӣ, методологӣ ва методии таъмини рақобаттавонии савдои чакана дар шароити амал ва рушди муносибатҳои бозорӣ таҳлили амиқ, арзёбии объективии самаранокии воқеӣ, таҳияи стратегияи баланд бардоштани сифати хизматрасониҳоро ҳамчун яке аз омилҳои таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдо бо дарназардошти ҷавобгӯ будан ба талаботи модели инноватсионии рушди иқтисодиёт тақозо менамояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Ҷанбаҳои илмии диссертатсия дар асоси омӯзиш, таҷдиди назари муқарраротӣ назариявӣ, методологӣ ва амалии олимони ватанию хориҷӣ оид ба масъалаҳои рушди савдои чакана ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои он дар асоси меъёру нишондиҳандаҳои гуногун ташаккул ёфтаанд.

Бояд тазаккур дод, ки дар таҳқиқи масъалаҳои муҳими назария ва амали иқтисоди бозорӣ, соҳаи хизматрасонӣ ва савдои чакана олимони иқтисодшиноси маъруфи мамолики хориҷӣ саҳми назаррас гузоштаанд - Л.И. Абалкин, И.Т. Абдукаримов, Г.А. Аванесова, М.И. Баканов, Ф. Бастиа, Д. Белл, И.К. Беляевский, А.Р. Бернвалд, Л.А. Брагин, И.А. Бланк, В.Г. Бурмистров, В.П. Воронин, А.И. Гребнев, Е.И. Данилов, Т.П. Данко, П. Дойл, Ж. Жаллэ, А.В. Зирянов, В.И. Иванитский, А.Д. Карх, Ф. Котлер, К. Лавлок, М. Леви, А.И. Левин, В. Леонтев, Р. Макконнел, К. Маркс, Т.И. Николаева, А.С. Нешитой,

А.С. Новоселов, А.В. Орлов, Л.В. Осипова, В.К. Памбухчиянтс, Ф.Г. Панкратов, М. Портер, Б.А. Райзберг, Л.А. Самсонов, Ж.-Б. Сэй, И.М. Синяева, Б.А. Соловёв, А.И. Соломатин, А.М. Фридман, Д. Эванс ва ғайра.

Ҳамчунин ҷанбаҳои мухталифи таҳлил ва рушди соҳаи хизматрасонӣ ва савдои чакана дар таҳқиқот ва асарҳои олимони иқтисодшиноси Ҷумҳурии Тоҷикистон И.А. Аминов, Н.Ш. Валиев, З.Ҳ. Қодирова, Н.Ф. Нидоев, А. Рауфӣ, Р.К. Раҷабов, Қ.Қ. Толибов, Ҳ.Н. Факеров, С.Ҳ. Ҳабибов, С.С. Ҳабибова, М.Қ. Ҳусаинов М.Ҷ. Ҷамшедов, М.М. Шарифзода, Ф.Р. Шаропов ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд.

Дар навбати худ, нақш ва саҳми муайяни олимони зикршуда, натиҷаҳои илмию назариявӣ, методӣ ва амалии онҳоро баланд баҳо дода, қайд кардан зарур аст, ки баъзе масоили назариявӣ ва амалии рушди савдои чакана, бахусус масаъалаи рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана ва таъсири баланд бардоштани сифати хизматрасониҳо ба таъмини рақобаттавонӣ то ҳол пурра омӯхта нашудаанд ва ба таҳқиқоти алоҳида ниёз доранд.

Ҳамин тавр, омӯзиши то андозае нокифояи мазмуни иқтисодию иҷтимоӣ, нақш ва арзёбии рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар аосси балнд бардоштани сифати хизматрасонӣ, инчунин аҳамияти баланди амалии савдои чакана дар қонеъ гардонидани тақозои аҳолӣ бо молу хизматрасонӣ интихоби мавзӯи диссертатсия, объект ва предмети таҳқиқот, мақсад ва вазифаҳои онро муайян намуданд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои зикршуда, аҳамияти назариявӣ ва амалии мавзӯи диссертатсияи мазкурро дар шароити муосири рушд мубрам арзёбӣ намудан мумкин аст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва ё мавзӯъҳои илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба самтҳои афзалиятноки рушди илмҳои иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ, аз он ҷумла ба масъалаҳои таъмини рақобаттавонии субъектҳои хоҷагидории соҳаҳои гуногуни иқтисодиёти миллӣ, ҳамчунин баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ба аҳолӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ҳамчун самтҳои муҳим муайян гардидаанд, робита дорад.

Ҳамчунин мавзӯи таҳқиқот дар доираи нақшаи дурнамои корҳои илмию таҳқиқотии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025 аз рӯйи мавзӯъҳои “Таҳияи самтҳои асосии стратегияи рушди савдои дохилӣ, фаъолияти соҳибкорӣ, аз ҷумла соҳибкории инноватсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва шаҳри Душанбе барои солҳои 2021-2030 (РБ 0121TJ1206) ва “Баланд бардоштани сифат дар соҳаи хизматрасонӣ” (РБ 0121TJ1202), ки дар Муассисаи давлатии “Маркази миллии патенту иттилоот”-и Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, иҷро гардидааст.

# ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот** аз асоснокгардонии муқаррароти илмию назариявӣ ва пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ иборат аст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Мақсади зикршудаи диссертатсия гузориш ва ҳалли ботадриҷи вазифаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалиро муайян намудааст:

- таҳқиқи моҳияту мазмуни иқтисодии рақобат ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана;
- муайян кардани омилҳо ва нишондиҳандаҳои рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана;
- омӯзиши моҳият ва нишондиҳандаҳои асосии сифати хизматрасониҳои субъектҳои савдои чакана ҳамчун омили таъмини рақобаттавонии онҳо;
- муайян кардани тамоюл, ошкор намудани омилҳои рушди савдои чакана ва арзёбии сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Душанбе;
- таҳия ва асоснокгардонии самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе дар шароити муосир;
- такмили механизми таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ.

**Объекти таҳқиқотро** субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Душанбе ташкил медиҳанд.

Ба сифати **предмети таҳқиқот** муносибатҳои иқтисодию иҷтимоие баромад мекунанд, ки дар раванди таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана ба миён меоянд.

**Фарзияи таҳқиқот** ба тасаввурот оид ба нақши баланд бардоштани сифати хизматрасонии субъектҳои савдои чакана дар таъмини рақобаттавонии онҳо дар бозори истеъмолӣ асос меёбад. Маҳз амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурӣ оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ, дар қатори дигар омилҳо, метавонад ба таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана мусоидат намояд.

**Асосҳои назариявию методологии таҳқиқотро** нуқтаҳои назар, ғояву коркардҳо оид ба назария ва амалияи иқтисодиёти муосир, рушди савдои чакана, ки дар асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ оварда шудааст, инчунин санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба масъалаҳои таъмин ва ҳимояи рақобат дар бозори истеъмолӣ ва савдои чакана ташкил медиҳанд.

**Сарчашмаҳои маълумот.** Ба сифати сарчашмаҳои асосии маълумот санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, маводи Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Сарраёсати он дар шаҳри Душанбе, маълумот оид ба вазъи ҷанбаҳои алоҳидаи бозори истеъмолӣ ва савдои чакана, маводи таҳлилие, ки дар нашрияҳои даврӣ чоп шудаанд, маводи воқеии дар монографияҳои самти таҳқиқ нашршуда ва натиҷаҳои таҳқиқоти шахсии довталаб баромад мекунанд.

Барои ҳалли вазифаҳои дар диссертатсия гузошташуда, усулҳои гуногуни илмӣ, ба монанди усули системавӣ-таркибӣ, сабабу натиҷа, усули омӯзиши омилҳо, пурсишнома, экспертӣ-таҳлилӣ, иқтисодӣ-риёзӣ, иҷтимоӣ, алоқамандии хусусиятҳои миқдорию сифатӣ ва ғ. истифода шудаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон дар солҳои 2015-2022 иҷро шудааст.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар гузориш ва асоснокгардонии заминаҳои илмию назариявӣ ва методии зерин оид ба таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана, ҳамчунин таҳияи тавсияҳои амалӣ оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои савдо ҳамчун омили таъмини рақобаттавонӣ зоҳир мегардад:

1. Моҳияту мазмуни иқтисодии вожаи "рақобат" ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана мавриди таҳқиқ қарор дода шуда, нигоҳи шахсии муаллиф оид ба таърифи ин категорияҳои иқтисодӣ муқаррар гардидааст. Ба андешаи муаллиф, рақобат - ин раванди муборизаи байни субъектҳои хоҷагидории бозорӣ мебошад, ки шарти асосии он озодӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Вобаста ба вазифаҳои муқарраргаштаи таҳқиқоти худ, таҳти мафҳуми рақобаттавонӣ қобилияти корхонаи савдои чаканаро оид ба ташаккул додан ва дар дурнамои дарозмуддат истифодаи иқтидори имконпазирро фаҳмидан мумкин аст, ки корхонаро бо мавқеи устувори бозорӣ ва афзалиятҳои иқтисодӣ нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ таъмин менамояд.

2. Меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асосии таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана муайян гардидаанд. Дар таҳқиқот муайян карда шудааст, ки ба қатори нишондиҳандаҳои асосии рақобаттавонии корхонаи савдо иқтидори иқтисодӣ ва самаранокии фаъолияти корхонаи савдо, сатҳи идоракунӣ, вазъи молиявӣ, нуфузи корхона, стратегияи бозории он, фаъолияти инноватсионӣ, вазъ ва тахассусноки кормандон, салоҳиятнокии онҳо, такмили ихтисоси кормандони он ва сифати хизматрасонӣ дохил мешаванд.

3. Моҳият ва нишондиҳандаҳои муҳими сифати хизматрасониҳои субъектҳои савдои чакана ҳамчун омили таъмини рақобаттавонии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба андешаи муаллиф, зери мафҳуми сифати хизматрасонӣ маҷмӯи хосиятҳои муайяни раванд ё шароити хизматрасоние, ки қонеъгардонии талаботҳои ҷоришуда ё дар стандартҳои соҳавӣ зикршудаи истеъмолгаронро таъмин менамояд, фаҳмида мешавад. Сифати хизматрасонии субъектҳои савдои чаканаро дар чор ҷанба баррасӣ кардан зарур аст: ҷанбаи техникӣ; ҷанбаи санитарӣ-гигиенӣ; ҷанбаи этикӣ-ҷамъиятӣ; ҷанбаи вазифагӣ ё функсионалӣ.

4. Вазъи муосир, тамоюл ва хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе таҳлил карда шуда, арзёбии сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдои чакана амалӣ гаштааст. Хулоса баровარда шудааст, ки савдои чаканаи шаҳри Душанбе имкониятҳои васеъро барои боз ҳам рушд ёфтан, зиёд намудани шумораи масоҳатҳои савдо, афзоиши ҳиссаи шаклҳои ҷории субъектҳои савдо, рушди рақобат байни субъектҳои савдоро соҳиб аст.

5. Самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе таҳия ва асоснок гардидаанд. Муайян гардидааст, ки дар асоси таҳлили тамоюлҳои рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе, амалӣ намудани афзалиятҳои зерин мувофиқи мақсад мебошад: такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана; татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана; таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон ва татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана.

6. Механизми таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ такмил ва асоснок карда шудааст. Барои рушди устувор ва дарозмуддати савдои чакана дар шаҳри Душанбе ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана ҳадафҳои зерини дурнаморо қайд кардан мумкин аст: фароҳам овардани шароит барои таъмини рақобат дар байни субъектҳои савдои чакана тавассути ташаккули инфрасохтори рушдёфта, таъмини иттилоотии истеъмолкунандагон, ташаккули системаи мониторинги рушди савдо; ташаккули низоми ягонаи танзими фаъолияти савдо дар ҳудуди шаҳр, аз ҷумла такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти бозорҳо, рушди шакл ва усулҳои назорат ва ҳамоҳангсозӣ; ташаккули нақшаи ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, ки дастрасии молу хизматрасониҳоро дар шаҳр таъмин менамояд; фароҳам овардани шароит барои ташаккули савдои иҷтимоӣ, ки ба қишрҳои камбизоат, осебпазир ва имконияташон маҳдуди аҳолӣ равона карда шудааст; таъмини бехатарии молҳои фурӯхташаванда ва сифати хизматрасонӣ бо риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, бахусус дар шароити паҳншавии бемориҳои сироятӣ; тақвият додани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори истеъмолӣ.

**Нуқтаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда.** Ба ҳимоя, аз ҷониби муаллиф, натиҷаҳои зерини илмию назариявӣ, методӣ ва амалии таҳқиқот пешниҳод гардидаанд, ки дорои унсурҳои навгонии илмӣ мебошанд:

- пешниҳоди муқаррароти илмию назариявӣ оид ба моҳияту мазмуни иқтисодии рақобат ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана;
- мушаххас гардонидани меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои асосии таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар шароити муосири рушди иқтисодӣ;
- муайян намудани нишондиҳандаҳои асосии сифати хизматрасониҳои субъектҳои савдои чакана ҳамчун омили муҳими таъмини рақобаттавонии онҳо дар бозори истеъмолӣ;
- ошкор кардани тамоюл ва хусусиятҳои рушди савдои чакана ва арзёбии сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои он;
- таҳия ва асоснок намудани самтҳои асосии рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе;
- пешниҳоди тавсияҳои амалӣ оид ба такмили механизми таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ.

**Аҳамияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки татбиқи хулоса ва тавсияҳои асоснокшудаи диссертатсия ба инкишофи назарияи савдои чакана ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои он дар бозори истеъмолӣ мусоидат мекунад. Натиҷаҳои таҳқиқ, ки аз ҷониби муаллиф ба даст оварда шудаанд, метавонанд барои ба таври дақиқ ва объективӣ арзёбӣ намудани ҳолати рушд ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана бо дарназардошти таъсири бисёрҷонибаи омилҳои муҳити дохилӣ ва берунӣ дар шароити муосир истифода шаванд.

Хулосаҳои асосӣ ва пешниҳодҳое, ки дар диссертатсия оварда шудаанд, метавонанд дар раванди таълим барои омодасозии мутахассисон дар самти савдо ва хӯроки умумӣ, инчунин дар курсҳои такмили ихтисоси роҳбарон, кормандон ва мутахассисони бахши савдои чакана истифода шаванд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи диссертатсия ба бандҳои зерини Шиносномаи ихтисосҳои кормандони илм аз рӯи ихтисоси 08.00.05 – Иқтисодиёти соҳаҳои хизматрасонӣ (08.00.05.01 – Савдо, хизматрасониҳои тиҷоратӣ ва маишӣ) мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот.** Саҳми шахсии муаллиф дар муайянкунии мақсад, предмет ва объекти таҳқиқот, дар асосноккунии номгӯи вазифаҳои таҳқиқот ва ҳалли ин масъалаҳо, пешниҳод ва амалӣ намудани муқаррарот то марҳилаҳое, ки истифодаи онҳоро барои такмил ва рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе имконпазир мегардонад, зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои асосии илмию методӣ ва тавсияҳое, ки барои асосноккунии стратегияи рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе, арзёбии ҳамаҷонибаи сифати хизматрасонии савдо дар диссертатсия таҳия гаштаанд, дар фаъолияти мақомоти гуногуни давлатӣ истифода шудаанд.

Хулоса ва пешниҳодоти муаллифи диссертатсия дар раванди таълими Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон ҳангоми тартиб додани барнома ва дастурҳои таълимӣ аз рӯи фанҳои соҳавии иқтисодӣ – «Иқтисодиёти корхона» «Асосҳои соҳибкорӣ», «Маданияти бизнес» ва ғайра татбиқ шудаанд. Муқаррароти асосии илмӣ ва тавсияҳои амалии диссертатсия дар конфронсҳои илмию амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ пешниҳод гардиданд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Аз рӯи маводи диссертатсия 17 кори илмӣ, аз он ҷумла 9 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои илмии аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тавсияшуда нашр шудааст.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боби матни асосӣ, хулоса, рӯйхати адабиёт иборат аст. Муҳтавои асосии таҳқиқот дар 163 саҳифа оварда шудааст ва 31 ҷадвал, 7 диаграмма ва 18 расмро дар бар мегирад. Рӯйхати адабиёт аз 185 номгӯй иборат аст.

# ҚИСМАТИ АСОСӢ

Дар муқаддима мубрамии мавзӯи диссертатсия, дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ, робитаи таҳқиқот бо барнома ва мавзӯъҳои илмӣ асоснок карда шуда, мақсад, вазифаҳо, объекту предмет, фарзияи таҳқиқот муайян гардидаанд, ҳамчунин маълумот оид ба асосҳои назариявию методологии таҳқиқот, сарчашмаҳои маълумот, навгонии илмии таҳқиқот, нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот, мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ, саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот, тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия, интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия, ҳамчунин сохтор ва ҳаҷми диссертатсия оварда шудаанд.

Дар боби якум – **«Асосҳои назариявӣ ва илмию методии таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана»** – моҳияти иқтисодӣ, мазмуни рақобат ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана мавриди омӯзиш қарор гирифта, меъёрҳо ва нишондиҳандаҳои рақобаттавонии онҳо дар бозори истеъмолӣ ошкор гардидаанд ва сифати хизматрасонӣ ҳамчун омили муҳими таъмини рақобаттавонии онҳо баррасӣ шудааст.

Дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки таъмини рушди устувор ва самараноки субъектҳои савдои чакана дар шароити амали муносибатҳои бозорӣ бо вазъи истифодаи механизми рақобат ва рақобаттавонӣ вобастагии ногусастанӣ дорад. Воқеан, рақобати озоду солим яке аз шартҳои асосии иқтисоди бозорӣ ба ҳисоб меравад ва муайян намудани моҳияти рақобат, шаклҳои асосии он дар истеҳсолоту муомилоти мол, мазмуну омилҳои таъсиррасон дар давраҳои гуногуни таърихӣ масоили мубрам ва ҳамзамон баҳснок арзёбӣ мешавад.

Дар диссертатсия муаллиф зимни таҳқиқи заминаҳои илмию назариявии мафҳуми рақобат дар асарҳои классикони илми иқтисод, донишмандони хориҷиву ватанӣ ба хулосае омадааст, ки мафҳуми "рақобат" бо гуногунии таърифҳои худ то ҳол пурра ба талаботи системавӣ ҷавобгӯ намебошад, зеро таҳқиқгарон ҷанбаҳои рақобатро дар пайвастагӣ бо соҳаи муайяни иқтисодӣ тавсиф менамоянд. Ҳамчунин, нуктаҳои назари зиёд оид ба таърифи мафҳуми мазкур мавҷуд аст, ки онҳо хусусиятҳои умумӣ ва фарққунанда доранд.

Ҳамин тавр, ба андешаи муаллиф, рақобат - ин раванди мубориза дар байни субъектҳои хоҷагидории бозорӣ мебошад, ки шарти асосии он озодӣ, мустақилияти иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Бо ифодаи дигар, рақобат як шакли ногузири бархӯрди субъектҳои бозори молҳои истеъмолӣ дар раванди татбиқи манфиатҳои иқтисодии онҳо мебошад.

Вобаста ба вазифаҳои муқарраргаштаи таҳқиқот, тахти мафҳуми рақобаттавонӣ қобилияти корхонаи савдои чаканаро оид ба ташаккул додан ва дар дурнамои дарозмуддат истифодаи иқтидори имконпазирро фаҳмидан мумкин аст, ки корхонаро бо мавқеи устувори бозорӣ ва афзалиятҳои иқтисодӣ нисбат ба дигар субъектҳои хоҷагидорӣ таъмин менамояд.

Ба андешаи муаллиф, барои муайян намудани мавқеи рақобатии корхонаи савдо дар бозор хеле муҳим аст, ки омилҳои ба имконияти бурд ё бохт дар муборизаи рақобат таъсиррасонанда муайян карда шавад. Таҳлилҳои

сарчашмаҳои мавҷуда нишон дод, ки муаллифони гуногун, вобаста ба самти таҳқиқоти илмии худ ва соҳаи таҳқиқоти бозорӣ маҷмӯи гуногуни омилҳоро асоснок мекунанд, ки рақобаттавонии субъектҳо ва молро муқаррар менамоянд.

Муаллиф чунин мешуморад, ки арзёбии рақобаттавонии корхона вазифаи мураккаб буда, дар доираи он таҳлили вазъи мушаххас ва муқоиса кардани онҳо бо давраи ҳисоботии гузошта ва меъёрҳои қабулшуда анҷом дода мешавад.

Ҳамин тавр, меъёр – ин нишондиҳандаи аз ҷиҳати илму амали иқтисодиёт мақсаднок мебошад, ки дар муқоиса бо он комёбиҳои сатҳи муайяни рақобаттавонии корхонаро дар давраи муайян арзёбӣ кардан мумкин аст. Дар навбати худ, нишондиҳанда ин аломати тавсифкунандаи ягон самти фаъолияти корхонаҳои савдои чакана, унсури миқдорӣ ё сифатии он буда, дараҷаи рушд ё иҷрои мақсади алоҳидаи раванди савдоро инъикос менамояд.

Ба андешаи муаллиф, масъалаи муҳими методологӣ – ин интихоби низоми нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки бартариятҳои асосии рақобатии онро инъикос мекунад. Низом бояд маҷмӯи омилҳои муҳимтарин, мураттабии якчанд зарибҳо ва нишондиҳандаҳои самарабахшии фаъолияти хоҷагиро тавсиф намояд. Ҳамчунин низоми самараноки арзёбӣ бояд иҷрои самтҳои стратегияи мушаххаси корхонаи тиҷоратӣ ва самаранокии иқтидори захиравии онро инъикос кунад.

Дар таҳқиқот ба қатори нишондиҳандаҳои асосии рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана чунин омилҳо дохил карда шудаанд:




Расми 1. Нишондиҳандаҳои асосии рақобаттавонии корхонаи савдо
(аз ҷониби муаллиф таҳия шудааст)

Бояд тазаккур дод, ки хусусияти хоси субъектҳои савдои чакана аз хариду фурӯши молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ ба аҳолӣ иборат аст. Аз ин рӯ, муҳимтарин меъёрҳои рақобаттавонӣ, ба андешаи муаллиф, инҳо мебошанд: самаранокии гардиши мол, вазъи молиявии субъекти савдои чакана, сифати хизматрасонии савдо ба харидорон ва вазъи бозории корхона. Зимнан, ду меъёри аввал муҳити дохилии рақобатии корхонаро тавсиф менамояд ва ду меъёри охирон – муҳити беруниро. Ҳамин тариқ, аз ҷониби муаллиф меъёрҳои рақобаттавонии фаъолияти корхонаҳои савдо пешниҳод шудааст (расми 2).




Расми 2. Меъёрҳои рақобаттавонии корхонаҳои савдои чакана
(аз ҷониби муаллиф пешниҳод шудааст)

Дар диссертатсия моҳият ва нишондиҳандаҳои муҳими сифати хизматрасониҳои субъектҳои савдои чакана ҳамчун омили таъмини рақобаттавонии онҳо мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст, ки нуқтаи марказии таҳқиқотро ифода мекунад.

Ба андешаи муаллиф, баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ омили калидии таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана ба ҳисоб меравад. Зери мафҳуми сифати хизматрасонӣ маҷмӯи хосиятҳои раванд ё шароити хизматрасоние, ки қонеъгардонии талаботҳои ҷоришуда ё пешниҳодшавандаи истеъмолгаронро таъмин менамояд, фаҳмида мешавад. Ҳамчунин дар диссертатсия аз ҷониби довталаб нишондиҳандаҳои асосии арзёбии сифати хизматрасонии субъектҳои савдои чакана дар 5 гурӯҳи асосӣ муттаҳид карда шуданд: ҷойгиршавӣ ва вазъи заминаи моддию техникии корхонаҳо; номгӯй, нарх ва сифати молу хизматрасонӣ; касбият ва фарҳанги хизматрасонии кормандони савдо; риояи қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои савдо; реҷаи кории корхонаҳо ва суръати хизматрасонӣ дар онҳо.

Дар таҳқиқот муаллиф пешниҳод намудааст, ки сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдои чакана аз рӯйи чор ҷанба баррасӣ карда шавад (расми 3).




Расми 3. Ҷанбаҳои асосии сифати хизматрасонӣ дар савдои чакана

Қайд намудан зарур аст, ки ҳамаи чор ҷанбаи дар расми 3 зикршуда бо ҳам алоқамандии зичро доранд. Масалан, татбиқи таҷҳизоти муосири савдо (ҷанбаи техникӣ) ба баланд бардоштани суръати хизматрасонӣ, беҳтаркунии технологияи фурӯши мол ва сарфаи вақти харидор (ҷанбаи функсионалӣ) мусоидат мекунад.

Дар боби дуюм – **«Таҳлили вазъи муосир ва арзёбии сифати хизматрасониҳои субъектҳои савдои чакана ҳамчун омили таъмини рақобаттавонии онҳо»** – тамоюли рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе амалӣ гардонида шуда, таъсири омилҳо ба рушди савдои чаканаи шаҳр мавриди таҳқиқи қарор дода шудаанд. Ҳамчунин дар ин боби кор таҳлил ва арзёбии сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдои чакана гузаронида шудааст.

Дар таҳқиқоти илмӣ вазъи муосир, тамоюл ва хусусиятҳои рушди савдои чакана дар шаҳри Душанбе дар робита бо тағйирёбии дигар нишондиҳандаҳои иқтисодии шаҳр дар солҳои 2000-2020 мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Таҳлили гузаронидашуда нишон дод, ки бозори истеъмолии шаҳри Душанбе дар ҳамалоқамандӣ бо раванди ислоҳоти иқтисодӣ дар Ҷумҳурӣ ишкишоф ёфта, ба фаъолияти субъектҳои соҳаи савдо диққати махсус равона шуда истодааст (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1

Тағирёбии индексҳои нишондиҳандаҳои асосии иқтисодию иҷтимоии шаҳри Душанбе (ба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта)

| **Нишондиҳандаҳо** | **Солҳо** | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2020** |
| МММ | - | - | 107,4 | 106,0 | 106,0 | 106,2 | 107,3 | 107,2 | 104,0 |
| Шумораи миёнаи солонаи машғулин дар иқтисодиёт | 109,4 | 95,8 | 94,4 | 101,2 | 105,0 | 103,1 | 103,9 | 102,5 | 101,9 |
| Даромади пулии аҳолӣ | - | - | - | 99,9 | 109,5 | 103,3 | 100,2 | 136,5 | 136,6 |
| Хароҷоти аҳолӣ барои хариди мол-ҳо ва хизматрасонӣ | - | - | - | 96,5 | 112,8 | 103,7 | 101,2 | 138,7 | 138,8 |
| Музди миёнаи ҳармоҳаи як корманд | 0,1 | 138,2 | 127,6 | 108,4 | 106,1 | 111,2 | 107,5 | 105,4 | 102,0 |
| Маҳсулоти саноатӣ | 109,0 | 125,2 | 113,3 | 106,3 | 101,6 | 104,9 | 110,4 | 103,3 | 104,1 |
| Гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдо | 3,1 бар | 106,8 | 104,4 | 112,3 | 112,6 | 112,7 | 119,3 | 125,1 | 125,6 |
| Гардиши савдои хориҷӣ | 86,1 | 91,9 | 128,2 | 75,3 | 75,7 | 112,2 | 113,1 | 115,5 | 115,6 |
| Содирот | 82,0 | 67,7 | 146,7 | 112,5 | 43,6 | 80,3 | 1,8бар | 105,8 | 106,1 |
| Воридот | 87,9 | 100,9 | 2,9 р | 73,4 | 78,2 | 113,6 | 111,1 | 116,0 | 116,3 |
| Индекси нархҳои истеъмолӣ | 124,0 | 110,6 | 108,8 | 107,1 | 106,8 | 108,6 | 107,0 | 109,6 | 109,0 |

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омории шаҳри Душанбе, Тоҷикистон 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, 2021 - С. 20-23.

Мувофиқи маълумотҳои овардашуда дар соли 2020 дар муқоиса бо соли 2000 ҳаҷми гардиши савдои чаканаи шаҳри Душанбе хислати устуворро соҳиб гардид ва дар нархҳои муқоисавӣ то 27,9 маротиба афзуд. Ҳамчунин ҳиссаи шаҳри Душанбе дар гардиши ҷумҳуриявии савдои чакана дар соли 2020 қариб 23,6%-ро ташкил додааст (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Суръати афзоиши гардиши моли чакана дар ҳамаи соҳаҳои савдои шаҳри Душанбе дар солҳои 2000-2020, бо нархҳои амалӣ, 2000 = 100

| | 2000 | 2005 | 2010 | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2020 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳаҷми умумии гардиши моли чакана аз рӯи ҳамаи соҳаҳои фурӯш | 100,0 | 2,2 мар. | 4,4 мар. | 12,9 мар. | 14,6 мар. | 16,4 мар. | 19,6 мар. | 24,5 мар. | 27,9 мар. |
| - сектори давлатӣ | 100,0 | 1,5 мар | 2,5 мар. | 1,7 мар. | 2,4 мар. | -0,3 мар. | 11,1 мар. | 2,1 мар. | -0,5 мар. |
| - сектори ғайридавлатӣ | 100,0 | 2,2 мар. | 4,4 мар. | 13,0 мар. | 14,6 мар. | 16,5 мар. | 19,2 мар. | 23,6 мар. | 27,7 мар. |
| аз ҷумла: | | | | | | | | | |
| Савдои тиҷоратӣ | 100,0 | 4,1 мар. | 11,6 мар. | 160,3 мар. | 188,7 мар. | 216,3 мар. | 273,1 мар. | 369,5 мар. | 428,2 мар. |
| Савдои кооперативии «Тоҷикматлубот» | 100,0 | 19 мар. | 6 мар. | 9 мар. | 4 мар. | 1 мар. | 1 мар. | 2 мар. | 1 мар. |
| Бозори номуташаккил | 100,0 | 2,1 мар. | 4,2 мар. | 7,8 мар. | 8,4 мар. | 9,4 мар. | 10,2 мар. | 11,3 мар. | 13,4 мар. |

**Сарчашма:** Маҷмӯаи омории шаҳри Душанбе, Тоҷикистон 30-соли Истиқлолияти давлатӣ. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе, 2021 - С. 489.

Қайд намудан зарур аст, ки дар сохтори савдои чакана тамоюли мусбати афзоиши ҳиссаи корхонаҳои савдо ва соҳибкорони инфиродӣ нигоҳ дошта мешавад, ки онҳо фаъолияти худро дар объектҳои савдои статсионарӣ аз 10,2 % дар соли 2000 то 39,4 % дар соли 2020 расонидаанд, ки 15,4 маротиба зиёда аст, ки воқеан ба баланд шудани сифати хизматрасонӣ таъсири назаррас мерасонад.

Таҳлил нишон дод, ки гардиши савдои чаканаи шаҳри Душанбе ба ҳар як сари аҳолӣ дар соли 2005 781,8 сомонӣ, дар соли 2015 бошад ба 3675,5 сомонӣ расид. Соли 2020 ин нишондиҳанда ба 7383,5 сомонӣ баробар шуд, ки нисбати соли 2000 9,4 маротиба зиёд гардидааст (расми 4).




Расми 4. Гардиши савдои чаканаи шаҳри Душанбе ба ҳар як сари аҳолӣ

Ба андешаи муаллиф, ки савдои чаканаи шаҳри Душанбе имкониятҳои васеъро барои боз ҳам рушд ёфтан, зиёд намудани шумораи масоҳатҳои савдо, афзоиши ҳиссаи шаклҳои ҷории корхонаҳои савдои чакана, рушди рақобат байни субъектҳои савдоро соҳиб аст.

Солҳои охир дар шаҳри Душанбе шабакаи супермаркетҳо, системаҳои иттилоотии автоматикунонидашудаи низоми пардохти ғайринақдӣ ва ғайраҳо ташкил ва рушд ёфта истодаанд. Дар баробари ин, ба андешаи муаллиф, таъсири манфии омилҳои зерин, ба монанди норасоии воситаҳои гардони худӣ, сатҳи баланди меъёрҳои андоз, амалҳои зиёди бюрократӣ ҳангоми бақайдгирии корхонаҳои нав, сатҳи баланди пардохти иҷорапулӣ ва фоизи қарзҳои бонкӣ, кам будани молҳои истеҳсоли ватанӣ дар бозори дохилӣ, сатҳи пасти даромадҳои пулии аҳолӣ, миқдори зиёди миёнаравҳо дар раванди фурӯши мол, беасос балнд бурдани нархи маводи ниёзи аввал зери таъсири омилҳои тақозои ҳангомавӣ ва ғайра ҳоло низ садди роҳи пешрафти босуръат ва устувори савдои чакана мебошанд.

Таҳлили заминаи моддию техникии савдо дар шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки таъминоти техникии баъзе аз корхонаҳои савдои чакана нисбатан паст аст, илова бар ин талаботи соҳа оид ба таҷҳизоти савдою технологӣ ва нақлиётию борбардорӣ на ҳама вақт қаноатбахш аст.

Дар диссертатсия таъсири омилҳои асосии ба рушди савдои чакана таъсиррасон ошкор гардида, пешгӯикунии нишондиҳандаҳои асосии савдои чаканаи шаҳри Душанбе бо истифода аз усулҳои моделсозии иқтисодию риёзӣ то соли 2030 амалӣ шудааст. Ба сифати омилҳои асосӣ даромадҳои пулии аҳолӣ, бузургии миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як корманд, маҷмӯи маҳсулот минтақавӣ, шумораи аҳолии шаҳри Душанбе дар охири сол ва воридоти молҳо аз хориҷи кишвар истифода шудаанд (ҷадвали 3).

Ҷадвали 3

Ҳисоб кардани арзиши пешбинишудаи муомилоти чакана барои дар асоси модели регрессионии коррелятсионии бисёромила

| Солҳо | Ҳаҷми гардиши савдои чаканаи мол, млн. сомонӣ | Даромадҳои пулии аҳолӣ дар шаҳри Душанбе, сомонӣ | Бузургии миёнаи музди меҳнати ҳармоҳаи як | Маҷмӯи маҳсулоти минтақавӣ, млн. сомонӣ | Шумораи аҳолии шаҳри Душанбе дар охири сол, ҳазор | Воридоти молҳо аз хориҷи кишвар, млн долларҳои ИМА |
|---|---|---|---|---|---|---|
| | У | $X_1$ | $X_2$ | $X_3$ | $X_4$ | $X_5$ |
| **2022** | 7624,79 | 587,574 | 2461,07 | 17547,19 | 905,946 | 467,95 |
| **2023** | 8087,79 | 618,562 | 2600,58 | 18529,22 | 920,448 | 477,53 |
| **2024** | 8550,77 | 649,55 | 2740,09 | 19511,25 | 934,95 | 487,11 |
| **2025** | 9013,74 | 680,538 | 2879,6 | 20493,28 | 949,452 | 496,69 |
| **2026** | 9476,70 | 711,526 | 3019,11 | 21475,31 | 963,954 | 506,27 |
| **2027** | 9939,67 | 742,514 | 3158,62 | 22457,34 | 978,456 | 515,85 |
| **2028** | 10402,63 | 773,502 | 3298,13 | 23439,37 | 992,958 | 525,43 |
| **2029** | 10865,60 | 804,49 | 3437,64 | 24421,4 | 1007,46 | 535,01 |
| **2030** | 11328,57 | 835,478 | 3577,15 | 25403,43 | 1021,962 | 544,59 |

Аз маълумоти ҷадвали 4 бармеояд, ки ҳаҷми гардиши савдои чаканаи мол дар шаҳри Душанбе то соли 2030 ба 11328,57 млн. сомонӣ баробар мешавад, ки нисбати сол 2020 ба маблағи 4971,37 млн. сомонӣ ё 78,1% афзоиш меёбад.

Дар рисолаи ҳамчунин равишҳои методӣ барои арзёбии сифати хизматрасонии савдо асоснок гардида, бо дарназардошти онҳо арзёбии сифати хизматрасонӣ дар корхонаҳои савдои фурӯши маҳсулоти хӯрокворӣ тавассути гузаронидани пурсиш дар байни се гурӯҳи посухдиҳандагон: коршиносони соҳаи савдои чакана, истеъмолкунандагон ва роҳбарону мутахассисони субъектҳои савдои чакана дар шаҳри Душанбе амалӣ карда шуд (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4

Натиҷаи пурсиш барои арзёбии сифати хизматрасонии субъектҳои савдои чаканаи шаҳри Душанбе

| р/т | Нишондиҳандаҳо | Посухдиҳандагон | | |
|---|---|---|---|---|
| | | Олимону коршиносон | Истеъмол-кунандагон | Роҳбарону мутахасссион |
| 1 | Ҷойгиршавӣ ва вазъи заминаи моддию техникии корхонаҳо | 3,23 | 3,82 | 4,31 |
| 2 | Номгӯй, нарх ва сифати молу хизматрасонӣ | 3,15 | 3,21 | 3,75 |
| 3 | Касбият ва фарҳанги хизматрасонии кормандони савдо | 2,95 | 3,15 | 3,81 |
| 4 | Риояи қоидаҳои пешниҳоди хизматҳои савдо | 3,01 | 3,12 | 4,14 |
| 5 | Реҷаи кории корхонаҳо ва суръати хизматрасонӣ | 3,90 | 3,92 | 4,32 |
| | Холи миёнаи сифат | 3,24 | 3,44 | 4,07 |

Ҳамин тариқ, таҳлили аз ҷониби мо гузаронидаи рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе нишон медиҳад, ки ҳарчанд майлонҳои мусбӣ мавҷуд бошад ҳам, ҳанӯз масъалаҳои ҳалношуда оид ба баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва ба ин васила таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана мавҷуд аст, ки ҳалли он амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои зарурирo тақозо дорад.

Дар боби сеюм – **«Такмили механизми рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ»** – самтҳои асосии рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе асоснок гардида, механизми танзим ва дастгирии давлатии раванди рақобат дар савдои чакана

ва роҳҳои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана пешниҳод гардидаанд.

Дар таҳқиқот қайд гардидааст, ки новобаста аз пешравию дастовардҳо ва тамоюлҳои мусбат дар рушди иқтисодии шаҳри Душанбе, савдои чаканаи шаҳри зикршуда дар муқоиса бо шаҳрҳои калони кишварҳои ИДМ бо суръати на он қадар баланд рушд карда истодааст, ки ин зарурати таҳия ва татбиқи дурнамои рушди минбаъдаи онро ба миён меорад.

Аз таҳлилу мушоҳидаҳо бармеояд, ки дар низоми савдои чаканаи шаҳри Душанбе новобаста аз баъзе фарқиятҳо, чунин масъалаҳои ҳалталаби умумӣ вуҷуд доранд:

- рушди нокифояи инфрасохтори савдои чакана ва мавҷуд набудани сатҳи зарурии рақобат дар савдои чакана;
- сатҳи нисбатан пасти салоҳияти касбии кормандон ва ҳайати хизматрасони корхонаҳои савдои чакана;
- номукаммал будани низоми ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, мавҷуд будани шаклҳои анъанавии шабакаҳои савдои чакана;
- суръати сусти навсозии заминаи моддию техникии корхонаҳои савдои чакана ва муҷаҳҳазонии онҳо;
- нобаробарии сатҳи рушди савдои чакана дар маркази шаҳрҳо ва атрофи он;
- нархи нисбатан баланди иҷораи корхонаҳои савдо, махсусан дар марказҳои нави савдо;
- сатҳи нокифояи истифодаи усулҳои муосири хизматрасонӣ ва сифати нисбатан пасти хизматрасонии савдо дар бозорҳо.

Дар асоси таҳлили тамоюлҳои рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе, дар диссертатсия, афзалиятҳои зерин барои дурнамои инкишофи он муайян карда шудааанд:

1. Такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии ташкили савдои чакана;
2. Татбиқи шаклҳои муосири корхонаҳои савдои чакана;
3. Таъмини бехатарии молу хизматрасонӣ, риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт ва ҳимояи ҳуқуи истеъмолкунандагон;
4. Татбиқи технологияҳои рақамӣ дар савдои чакана.

Ба андешаи муаллиф, барои рушди дарозмуддати савдои чакана дар шаҳри Душанбе ва таъмини рақобаттавонии субъектҳои савдои чакана ҳадафҳои зерини дурнаморо қайд кардан мумкин аст, ки бо баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ робитаи зич доранд:

- фароҳам овардани шароит барои таъмини рақобат дар байни субъектҳои савдои чакана тавассути ташаккули инфрасохтори рушдёфта, таъмини иттилоотии истеъмолкунандагон, ташаккули системаи мониторинги рушди савдо;
- ташаккули низоми ягонаи танзими фаъолияти савдо дар ҳудуди шаҳр, аз ҷумла такмили заминаи меъёрию ҳуқуқии фаъолияти бозорҳо, рушди шакл ва усулҳои назорат ва ҳамоҳангсозӣ;

- ташаккули нақшаи ҷойгирсозии шабакаҳои савдои чакана, ки дастрасии молу хизматрасониҳоро дар шаҳр таъмин менамояд;
- фароҳам овардани шароит барои ташаккули савдои иҷтимоӣ, ки ба қишрҳои камбизоат, осебпазир ва имконияташон маҳдуди аҳолӣ равона карда шудааст;
- таъмини бехатарии молҳои фурӯхташаванда ва сифати хизматрасонӣ бо риояи қатъии қоидаҳои беҳдошт, бахусус дар шароити паҳншавии бемориҳои сироятӣ;
- тақвият додани тадбирҳо ҷиҳати дастгирии давлатӣ ва ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон дар бозори истеъмолӣ.

Самти муҳими баланд бардоштани сифати хизматрасониҳои савдо дар шаҳри Душанбе ташкили низоми ягонаи омодакунӣ, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо барои корхонаҳои савдои чакана мебошад, ки амалӣ намудани тадбирҳои заруриро тақозо дорад.

Ба андешаи довталаб, барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ ва таъмини рақобаттавонии корхонаҳои савдо такмили низоми ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон нақши муҳим мебозад. Вобаста ба ин, ҳаллу фасли масъалаҳои зеринро муҳим мешуморем: ошкор ва бартараф намудани тамоюлҳои манфӣ дар бозори истеъмолӣ ва савдои чакана; ташкили курсҳои омӯзишӣ дар байни аҳолӣ оид ба ҳуқуқҳои истеъмолкунандагон; таҳкими ҳамкории байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳрҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии истеъмолкунандагон; ташкили низоми такмили ихтисоси мутахассисон дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон.

Дар диссертатсия ҳамчунин тавсияҳо оид ба такмили шакл ва усулҳои рушди инноватсионии корхонаҳои савдои чакана ва захираҳои баланд бардоштани самаранокии онҳо дар шароити рақамикунонии равандҳои савдо асоснок ва пешниҳод гардидаанд. Муқаррар гардидааст, ки таҳия ва татбиқи сиёсати инноватсионии корхонаҳои савдои чакана ва рақамикунонии равандҳои корӣ дар корхонаҳои савдо ҷараёни бефосилаи амалӣ намудани маҷмӯи чорабиниҳоро таъмин намуда, ба истифодаи оқилонаи захираҳо муосидат мекунад, сифати хизматрасониро баланд ва сатҳи рақобаттавонии субъектҳои савдои чаканаро барои дурнамои дарозмуддат боло мебардорад.

Ҳамин тавр, татбиқи самтҳои асосии дурнамои рушди савдои чакана ба баланд бардоштани сифати хизматрасонии савдо ва таъмини рақобатпазирии субъектҳои савдои чакана мусоидат менамояд.

## ХУЛОСА

### *А) Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия*

